**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-О19-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм**
**Парвандаи аттестатсионии № __________________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 21 сентябри соли 2024, №55,**

**Дар бораи сазовор донистани Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна дар мавзуи: «Масъалаҳои мубрам ва дурнамои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ - конститутсионӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – **Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ** аз 16 марти соли 2024, суратмаҷлиси №45 аз ҷониби Шурой диссертатсионии 6D.КОА-О19-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурой диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон аз 07 январи соли 2022, №15/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна 3 октябри соли 1968 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 1987 ба шӯъбаи ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 1993 аз руйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Аз соли 1997 ҳамчун ҳамкор ва аз соли 2002 ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда, аз соли 2009 то ин ҷониб дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Точикистон мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Зоир Ҷурахон Маҷидзода** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

1. **Ализода Зариф** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ.
2. **Эльназаров Давлатшо Ҳоҷаевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.
3. **Раҳмон Дилшод Сафарбек** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ректори муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рудакӣ.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии таълимии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар Назарзода Носир Ҷобир, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, (ихтисос:12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Каримзода У.К. ва котиби ҷаласа сардори кабинети кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №1 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, майёри милитсия Қурбонзода Ҷ.Ғ., имзо ва аз ҷониби муовини сардори шуъбаи кадрҳои Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия Камолӣ З.Б. дар санаи 21 майи соли 2024 тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, маколаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 2 монография, 27 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 22 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти ӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз руйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Монографияҳо:**

[1-М] Якубова, С.Н. Конституционно-правовой статус Маджлиси Оли Республики Таджикистан [Текст]: монография / С.Н. Якубова. – Душанбе, 2009. – 156 с.

[2-М] Якубова, С.Н. Масъалаҳои мубрам ва дурнамои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ [Матн]: монография / С.Н. Якубова. – Душанбе, 2024. – 160 с.

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[3-М]. Якубова, С.Н. Маджлиси Оли Республики Таджикистан: назначение, структура и организация деятельнотсти [Текст] / С.Н. Якубова // Представительная власть, – XXI век: законодательство, комментарии, проблемы. – 2007. – № 6. – С. 7-10.

[4-М]. Якубова, С.Н. Баъзе аз масоили ҳуқуқӣ дар бораи тағйири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.Н. Якубова // Ҳаёти ҳуқуқӣ (маҷаллаи илмӣ-иттилоотӣ). – 2013. – №2 (36). – С. 35-42; ISSN 2305-0535.

[5-М]. Якубова, С.Н. Некоторые особенности лишения депутатской неприкосновенности депутатов Местных народных депутатов Республики Таджикистан [Текст] / С.Н. Якубова // Государствоведение и права человека (научно-практический журнал). – 2015. – №3 (11). – С. 73-81; ISSN 2307-5098.

[6-М]. Якубова, С.Н. Қабули санадҳо тибқи қонунгузории вогузоршуда дар кишварҳои шакли идоракунии ҷумҳурӣ [Матн] /С.Н. Якубова // Илм ва фановарӣ (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – 2015. – №2 (6). – С. 147-151; ISSN 2412-3648.

[7-М]. Якубова, С.Н. Особенности представительной функции Маджлиси Оли Республики Таджикистан [Текст] / С.Н. Якубова // Государствоведение и права человека (научно-практический журнал). – 2016. – №2 (02). – С. 70-73; ISSN 2414-9217.

[8-М]. Якубова, С.Н. Основания и способы приобретения гражданства Республики Таджикистан по новому законодательству [Текст] / С.Н. Якубова // XXI век. Право и управление (Московский государственный институт международных отношений (Университет) Министерства иностранных дел Российской Федерации. Научно-правовое издание. – 2016. – №2 (39). – С. 62-67; ISSN 20738420.

[9-М]. Якубова, С.Н. Законодательные полномочия Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан [Текст] / С.Н. Якубова // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). – 2017. – №2 (10). – С. 260-264; ISSN 2413-5151.

[10-М]. Якубова, С.Н. Реализация конституционного контроля Конституционным судом Республики Таджикистан [Текст-Тезис] / С.Н. Якубова // Государствоведение и права человека (научно-практический журнал). – 2017. – №2 (06). – С. 21-23; ISSN 2414-9217.

[11-М] Якубова, С.Н. Реализацияи предварительного конституционного контроля Конституционным судом Республики Таджикистан [Текст] / С.Н. Якубова // Правовая жизнь (научно-информационный журнал). – 2017. – №1 (17). – С. 53-60; ISSN 2307-5198.

[12-М]. Якубова, С.Н. Участие Маджлиси милли Маджлиси Оли Республики Таджикистан в законодательном процессе [Текст] / С.Н. Якубова // Вестник Таджикского национального Университета (научный журнал). – 2018. – №3. – С. 274-278; ISSN 2413-5151.

[13-М]. Якубова, С.Н. Некоторые особенности изменения конституционного закона Республики Таджикистан «О выборах Маджлиси Оли Республики Таджикистан» [Текст] / С.Н. Якубова // Вестник Таджикского

Национального Университета (научный журнал). – 2018. – №4. – С. 204-208; ISSN 2413-5151.

[14-М] Якубова, С.Н. Конституционные поправки о правовом статусе члена Маджлиси милли и депутата Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан [Текст] / С.Н. Якубова // Правовая жизнь (научноинформационный журнал). – 2019. – №2 (26). – С. 68-73; ISSN 2307-5198.

[15-М]. Якубова, С.Н., Кҷмолов, Ш.Х. Роль адвокатуры в осуществлении защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан [Текст] / С.Н. Якубова, Ш.Х. Камолов // Законодательство (Журнал «Законодательство» Научного центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан). – 2019. – №2 (34). – С. 23-26; ISSN 2410-2903.

[16-М]. Якубова, С.Н. Такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти қонунгузории вазъи ҳуқуқии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.Н. Якубова // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2020. – №4 (36). – С. 65-68; ISSN 2305-0535.

[17-М]. Якубова, С.Н. Ҳамфаъолиятии мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди қонунгузорӣ [Матн] / С.Н. Якубова // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – 2020. – №4 (012). – С. 176-180; ISSN 2076-2569.

[18-М]. Якубова, С.Н. Реализация права законодательной инициативы Правительства Республики Таджикистан [Текст] / С.Н. Якубова // Законодательство. (Журнал «Законодательство» Научного центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан). – 2020. – №1 (37). – С. 41-45; ISSN 2410-2903.

[19-М]. Якубова, С.Н. Порядок повторного рассмотрения законов, возвращенных Президентом Республики Таджикистан [Текст] / С.Н. Якубова // Законодательство. – 2021. – №1. – С. 21-24; ISSN 2410-2903.

[20-М] Якубова, С.Н. Основные принципы законодательной деятельности Маджлиси Оли Республики Таджикистан [Текст] / С.Н. Якубова // Правовая жизнь (научно-информационный журнал). – 2020. – №4 (23). – С. 79-83; ISSN 2307-5198.

[21-М] Якубова, С.Н. К вопросу об особенностях стадий законодательного процесса в Маджлиси Оли Республики Таджикистан [Текст] / С.Н. Якубова // Правовая жизнь (научно-информационный журнал). – 2020. – №1 (29). – С. 113119; ISSN 2307-5198.

[22-М]. Яқубова, С.Н. Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.Н. Яқубова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – 2020. – №4 (10). – Қисми 2. – С. 254-258; ISSN 2413-5151.

[23-М] Якубова, С.Н. Рассмотрение и одобрение законов в Маджлиси милли Маджлиси Оли Республики Таджикистан [Текст] / С.Н. Якубова // Доклады. Национальной Академии наук Таджикистана. Отделение общественных наук. – 2023. – №1 (021). – С. 202-205; ISSN 0002-0000.

[24-М] Зоир, Ҷ.М., Яқубова, С.Н. Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳамчун падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ [Матн] / Ҷ.М. Зоир, С.Н. Якубова // Қонунгузорӣ. Маркази миллии

қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. – № 4 (52) – 2023 (октябр-декабр). С. 48-53. ISSN: 2410-2903.

**III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[25-М].** Якубова, С.Н. Принятие закона делегированным законодательством в странах монархической формы правления [Текст] / С.Н. Якубова // Вестник Конституционного Суда Республики Таджикистан. – 2015. – №4. – С. 94-99.

**[26-М].** Якубова, С.Н., Камолов, Ш.Х. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар партави тағйиру иловаҳои Конститутсия [Матн] / С.Н. Якубова, Ш.Х. Камолов // Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. – №1. – С. 31-36.

**[27-М].** Якубова, С.Н. Право законодательной инициативы депутатов Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан [Текст] / С.Н. Якубова. // Раванди қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва мушкилиҳо (Маводҳои конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 31 марти соли 2020). – С. 47-52.

**[28-М].** Якубова, С.Н., Камолов, Ш.Х. Защита прав и свобод человека в религиозных учениях Таджикского народа [Текст] / С.Н. Якубова, Ш.Х. Камолов // Материалы Международной научно-практической конференции «IIX Ломоносовские чтения», посвященнной дню таджикской науки и 30-летию установления дипломатических отношений между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией (29-30 апреля 2022). – Часть II. Общественные и гуманитарные науки / Под общей редакцией к.э.н., доцента Ганиева Р.К. – Душанбе: «Ирфон», 2022. – С. 552-557.

**[29-М].** Якубова, С.Н. Особенности принятия закона Республики Таджикистан «О Государственном бюджете Республики Таджикистан» [Текст] / С.Н. Якубова // Материалы Международной научно-практической конференции «Таджики в зеркале истории», посвященнной 115-летию академика Бободжона Гафурова (27 октября 2023). – Часть I. Право, Экономика. – Душанбе: «Филиал Московского государственного университета им. М.В.Ломоносова в городе Душанбе, 2023 г. – С. 236-242.

**Ба автореферати диссертатсияи докторӣ аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

- **Одиназода Рамазон Сафар** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, директори муассисаи давлатии “Маркази барномаҳои байналмилалӣ”.

**Ҷавоб эроди профессор, муҳтарам Одиназода Рамазон Сафар**

- **Меликов Умрилло Асадуллоевич** – и.в. профессори кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

- **Аминова Фарида Маҳмадаминовна** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои ҳусусияти мубоҳисавӣ дошта пешниҳод шудаанд, аз қабили масоили ба қувваи амал даромадани қонун ба давраи раванди қонунгузорӣ, кам истифода кардани таҷрибаи раванди қонунгузории парламенти кишварҳои хориҷӣ дуру наздик, таваҷӯҳи кам нисбати ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ғайра.

**Мукарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти мукаррароти бандҳои 61 ва 70-82 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд.

Ҳамчунии, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз руйи ихтисоси 12.00.02 - **Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ** дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**- коркард карда шуд:** масъалаи раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари ҳуқуқи конститутсионӣ бори аввал ба шакли муҷтамаъ дар доираи диссертатсияи докторӣ баррасӣ шудааст;

**- пешниҳод шудааст:** мафҳум ва хусусиятҳои ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунэҷодкунӣ дар алоқамандӣ бо раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, ҳамчунин фарқият ва шабоҳат доштани ин мафҳумҳо низ муайян карда шудааст, субъектоне, ки дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ, дар таҳияи лоиҳаи қонунҳо (қонунэҷодкунӣ) ва раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои ба худ хосро доранд. Субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ ва раванди қонунгузорӣ муайян карда шуда, боиси таҳлил қарор дода шудааст, зарурати муайян намудани ин мафҳумҳо дар фаъолияти қонунгузории парлумон пешниҳод карда шудааст;

**- исбот шудааст:** ки раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз якчанд давраҳои пай дар пайи иборат буда, ҳамаи ин давраҳои раванди қонунгузорӣ бояд дар рафти қабули қонунҳо риоя карда шавад. Чунки бе риояи ин давраҳои раванди қонунгузорӣ қабули қонунҳо хусусияти худро гум мекунанд. Раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои 2000 ин ҷониб ҳамчун раванди мустақил ва дар алоҳидагӣ баргузор гардидан дар Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммият дорад. Раванди қонунгузории парламенти кишвар баъди ислоҳоти конститутсионии соли 1999 ба миён омада, ҳамчун раванди мустақили мақомоти намояндагӣ ва қонунгузор накши худро дар идоракунии давлатӣ гузошт.

Раванди қонунгузории Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ чунин давраҳо дар бар мегирад:

– пешниҳод намудани лоиҳаи қонун аз тарафи субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ;

– баррасии ҳамаҷонибаи лоиҳаи қонун дар кумита ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин муҳокимаи лоиҳаи қонун;

– қабули лоиҳаи қонун дар Маҷлиси намояндагон бо назардошти хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хулосаҳои кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, хулосаҳои шуъбаҳои Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар қироати якум ва ё дуюм; (бо гузаронидани экспертизаҳои зарурӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷониби шуъбаҳои Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, дар ҳолати зарурӣ гузаронидани экспертизаҳои зарурӣ аз ҷониби кумитаҳои Маҷлиси намояндагон);

– ҷонибдории қонун дар Маҷлиси миллӣ (баъди баррасӣ ва муҳокима);

– ба имзорасонии қонун аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати бо он розӣ будан ва интишори дар асоси амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Қайд намудан лозим аст, ки ҳамаи ин давраҳои раванди қонунгузорӣ бояд дар пайдарҳамӣ амалӣ гарданд, дар ҳолати ғайр қонун ғайриконститутсионӣ қабулшуда ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин давраҳои иловагии раванди қонунгузорӣ муайян карда шудааст, ки дар ҳолати баргардонидани қонунҳо аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё ҷонибдорӣ накардани Маҷлиси миллӣ баргардонида шудааст, мавҷуд мебошад. Инчунин муайян карда шудааст, ки давраҳои иловагии раванди қонунгузорӣ нисбати ҳамаи қонунҳо татбиқ намегардад. Масалан, нисбати қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи авф" танҳо давраҳои асосии раванди қонунгузорӣ татбиқ мегардад. Чунки ин қонунҳо барои ҷонибдорӣ ба Маҷлиси миллӣ фиристода намешавад.

**-ҷорӣ намудани:** экспертизаҳои ҳатмӣ аз қабили экспертизаҳои илмӣ, доир ба лоиҳаи қонунҳо, экспертизаҳои мустақил вобаста ба зарурат, экспертизаҳои забонӣ, имлоӣ, ҳамчунин гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ва ҳуқуқӣ-техникии лоиҳаҳои қонунҳо, дуруст ба роҳ мондани тарҷумаи қонунҳо ба забони русӣ, яъне мутобиқат намудани қонунҳои ба забони давлатӣ қабулшуда бо забони русӣ, ки духурагиии қонунро ба миён наорад, ҳамчунин барои дуруст татбиқ намудани қонунҳо, ҳамчунин баҳодиҳии мутобиқати матни лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда ба меъёрҳои забони адабии муосир бо дарназардошти хусусиятҳои имлоиву услубӣ санадҳои ҳуқуқӣ зарур ва муҳим мебошад нигаронида шудаанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** натиҷаҳои кори илмӣ барои дарки илмӣ ва амалии мафҳуми раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон поя гузошта, он барои такмили таҳқиқоти илмӣ дар соҳаҳои ҳуқуқӣ конститутсионӣ, ҳуқуқӣ маъмурӣ, ҳуқуқӣ маданӣ, ҳуқуқӣ соҳибкорӣ, ҳуқуқӣ оилавӣ, ҳуқуқӣ меҳнатӣ, ҳуқуқӣ ҷиноятӣ, ҳамчунин соҳаҳои ҳуқуқӣ мурофиавӣ замина фароҳам меорад. Инчунин натиҷаҳои он метавонад дар такмили раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти

тафсири расмӣ, тафсири аутентӣ истифода шаванд, аз ҷониби вакилон ва аъзоёни парлумон қабули қонун шарҳ дода шавад, мақсади қабули қонун дар чи ифода меёбад, доир ба мақсади қабули қонун ҳамоиш ва бароамадҳо, фаҳмондадиҳӣ ба аҳли ҷомеа, шаҳрвандон Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин дар вохуриҳои вакилони Маҷлиси намояндагон бо интихобкунандагон ва электорат ба роҳ монда шавад, ки ин ба манфиати кор мебошад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** ҷанбаҳои консептуалии илмҳои назаривӣ, фанҳои ҳуқуқӣ (ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи парлумонӣ, мурофиаи расмиёти маъмурӣ), қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва ҳамзамон, дар таҳқиқот усулҳои илмии ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, таҳлилӣ, усулҳои мушаххаси сотсиологӣ, оморӣ, таърихию ҳуқуқӣ, таҳлили низомнок ва намудҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шудааст.

- **баён шудани** мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунэҷодкунӣ ва раванди қонунгузорӣ дар фаъолияти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии давраҳои раванди қонунгузории парлумони кишвар муайян карда шудааст;
- **ошкор гардидани** хусусиятҳои асосии давраҳои раванди қонунгузории парлумони кишвар, бо дар назардошти муайян намудани мавқеи субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, пешниҳоди лоиҳаи қонун ва таклифҳои қонунгузорӣ ва дар асоси онҳо қабул ва ҷонибдории қонунҳои мукаммали Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро муқаррар менамояд, муносибатҳои ҷамъиятиро мустаҳкам намуда ба танзим медарорад, дар такмил ва ташаккули падидаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ аз ҷиҳати илмӣ муҳим арзёбӣ мегардад;
- **омухта шуданд**: дар асоси таҳлили ҳамаҷониба, хусусиятҳои асосии давраҳои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- **аз нав такмил додани** доираи субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, бо мақсади ҳамоҳангсозии ҳамкории мақомоти қонунгузор ва судӣ, инчунин мақомоти прокуратура, дар самти татбиқи сиёсати қонунгузорӣ, пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳои мукаммал, ҳамчунин васеъ намудани доираи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҳисоби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:** натиҷаҳои он метавонад дар раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамаи соҳаҳои мавҷудбудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба қабули қонунҳо, ворид намудани тағйиру иловаҳо, аз эътибор соқит донистани қонунҳо бо бо сабаби қабули қонунҳои нав, ҳамчунин ба муҳокимаи умумихалқӣ баровардани лоиҳаи қонунҳо, ки дар ин самт шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳои ҷолиб, фикру андешаҳои худро иброз менамоянд, ки дар оянда ин таклифу пешниҳодҳои шаҳрвандон аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзоёни Маҷлиси миллӣ дар рафти қабули қонунҳои мукаммал ба инобат гирифта мешавад. Ҳамчунин

даъват намудани олимони ва мутахассисони соҳаи ҳуқуқӣ парлумонӣ дар муҳокимаҳои парлумонӣ, рафти қабули қонун аз аҳаммият холӣ нест.

- **муайян карда шудааст,** ки тафсири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли қонуни конститутсионӣ қабул карда мешавад, вале вобаста ба шакл аз дигар қонунҳои конститутсионӣ фарқият надорад. Яъне, қонунҳои конститутсионӣ бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилони Маҷлиси намояндагон қабул мегарданд ва бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзоёни Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ мешавад. Аммо ин қонунҳои конститутсионӣ аз ҷиҳати мазмун фарқ доранд. Фарқияташ дар он ифода мегардад, ки дар рафти тафсири Конститутсия меъёри нав эҷод намегардад, меъёрҳо тағйир намеёбанд, балки меъёрҳои мавҷудбудаи Конститутсия тафсир дода мешаванд, вале дигар қонунҳои конститутсионӣ меъёри навро муқаррар менамоянд, метавонанд дар оянда тағйир ёбанд, бекор карда шаванд.

- **муаррифӣ карда шуд:** барои фаъолияти пурсамарро ба роҳ мондани раванди қонунгузории парлумони кишвар пешниҳод кардан мумкин аст – сабабҳои пешгирии баргардонидани қонун аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешгирии ҳолатҳои ҷонибдорӣ накардани қонунҳо аз ҷониби Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мувофиқа омадани тарафҳо доир ба қабули такрории қонун ва қабул намудани таклифу пешниҳодҳои иброзшуда, ҳолатҳое, ки боз пас гирифтани лоиҳаи қонун аз тарафи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ; мебояд субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар пешниҳоди лоиҳаи қонун фаъол бошанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои илмӣ ва амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи фаъолияти парлумонӣ, таҷрибаи раванди қонунгузории парлумони кишварҳои хориҷӣ асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумотҳои гуногуни фаъолияти парлумони ватанӣ ва парлумони хориҷӣ, натиҷаи фаъолияти ҷамъбастии панҷсолаи палатаҳои Маҷлиси Олӣ, омор, доир ба қабули қонунҳо, баргардонидани қонунҳо ва таҳлили як қатор қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шудаанд.

- **барои корҳои таҷрибавӣ:** бо мақсади беҳтар ва пурсамар намудани фаъолияти қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳия ва қабул намудани қонунҳое, ки ба манфиати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон созгор аст, боиси мунтазам тағйир наёфтани санадҳои меъёри ҳуқуқӣ пешниҳод карда шудаанд.

- **ғоя асоснок шудааст:** натиҷаи омӯзиши таҳқиқоти "раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва мафҳуми овардашудаи муаллиф давраҳои раванди қонунгузориро муайян намудааст; оғоз ва анҷоми раванди қонунгузории парлумони кишварро муайян намудааст; фарқияти лоиҳаи қонун ва таклифҳои қонунгузорӣ муайян карда шудааст.

- **истифода шудаанд:** бо дарназардошти фаъолияти қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллии

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад: аз қабили қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, кодекс; қонуни конститутсионӣ дар бораи "Тафсири Конститутсия", қонун дар бораи "Тафсири қонуни дар раъйпурсии умумихалқӣ" қабул шуда, қарорҳо дар бораи "Тафсири қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон", пешниҳод доир ба ворид намудани "Тағйиру илова ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва дигар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон -ро метавон ба гурӯҳҳо ҷудо намуд.

**- муайян шудаанд:** раванди қонунузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи банақшагирии Маҷлиси Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешанамудаи сиёсати қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки доир ба ин Консепсияҳои пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ барои солҳои дар 2018-2028 бо мақсади ба нақша гирифтан ва такмил додани раванди қонунгузорӣ қабул шуда равона гардидааст.

**- истифода карда шуданд:** аз таҳлили назариявӣ ва амалии фаъолияти қонунгузории парлумони кишвар муайян карда мешавад, ки ташаббуси қонунгузорӣ бештар аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли лоиҳаи қонунҳо ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ - назариявии ҷумхуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба таҳқиқоти раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Дар маҷлиси Шӯрои диссертатсионӣ аз 21 сентябри соли 2024 қарор қабул карда шуд, ки ба Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, №15/шд тасдиқ гардидааст 15 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктирони илм аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ 15 нафар, муқобил - нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,** **Мирзоев Қ.Ҳ.**